MAKTABGACHA VA MAKTAB TA'LIMI VAZIRLIGI

PEDAGOGIK MAHORAT VA XALQARO BAHOLASH ILMIY-AMALIY MARKAZI

Respublika Ta'lim Markazi

# ТАВСИЯИ МЕТОДӢ ВА МАВОДҲО БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ АТЕСТАТСИЯИ ҶАМЪБАСТӢ АЗ ФАННИ

# Забон ва адабиёти тоҷик

## БАРОИ ДОНИШОМӮЗОНИ СИНФҲОИ IX ДАР СОЛИ ХОНИШИ 2023–2024 ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ МИЁНАИ УМУМӢ



MAKTABGACHA VA MAKTAB TA'LIMI VAZIRLIGI

PEDAGOGIK MAHORAT VA XALQARO BAHOLASH ILMIY-AMALIY MARKAZI

Respublika Ta'lim Markazi

**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ТОМАКТАБӢ ВА МАКТАБИИ
МАРКАЗИ МАҲОРАТИ ПЕДАГОГӢ ВА ИЛМИЮ
АМАЛИИ БАҲОГУЗОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ**

**ТАВСИЯИ МЕТОДӢ ВА МАВОДҲО БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ АТЕСТАТСИЯИ ҶАМЪБАСТӢ АЗ ФАНҲОИ**

# ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

**БАРОИ СИНФИ IX ДАР СОЛИ ХОНИШИ 2023 - 2024
ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ МИЁНАИ УМУМӢ**



**Мураттиб:** Мастура Нарзиева - методисти забон ва адабиёти тоҷики вилояти Самарқанд.

**Эксперт:** Дилафрӯз Қудратова - омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики мактаби рақами 47-уми ноҳияи Самарқанди вилояти Самарқанд.

## СПЕТСИФИКАТСИЯИ МАВЗӮЪҲОИ ИНШОИ ИМТИҲОНИ ДАВЛАТӢ АЗ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АДАБИЁТ БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ ИМТИҲОНИ ҶАМЪБАСТӢ ДАР МАКТАБҲОИ ТАЪЛИМИ МИЁНАИ УМУМӢ ДАР СОЛИ ТАҲСИЛИ 2023-2024

Донишомӯзоне, ки синфи 9-ро хатм мекунанд аз рӯйи барномаи таълим аз фанни забон ва адабиёти тоҷик ба компетенсия (салоҳият)-ҳои дараҷаи муайян соҳиб мешаванд.

Барои муайян кардани дониш, малака ва маҳорати азхудкардаи донишомӯзон дар соли хониши 2023-2024 дар синфҳои 9 имтиҳоноти ҷамъбастӣ дар шакли хаттӣ гузаронида мешавад.

Савол ва супоришоти ҳар як саволномаи имтиҳони ҷамъбастӣ бевосита мавзӯъҳои китоби дарсии забон ва адабиёти тоҷики синфҳои 7-8-9-уми мактабҳои таълими миёнаи умумиро дар бар мегирад. Инчунин, дар тавсияи зерин меъёрҳои баҳогузорӣ барои донистани саволҳо, супоришоти истифодабарӣ (корбаст намудан) ва мулоҳиза (мушоҳидабаёнӣ) низ оварда шудааст.

Ба донишомӯзон 2-то саволнома (билет) тақдим карда мешавад. Дар саволнома ба донишомӯз 5-тогӣ савол (3-то аз забони тоҷикӣ, 2-то аз адабиёт) дода мешавад. 2-то савол (1-то аз забони тоҷикӣ, 1-то аз адабиёт) доир ба донистан, 2-то (1-то аз забони тоҷикӣ, 1-то аз адабиёт) оид ба истифодабарӣ 1-то (1-то забони тоҷикӣ) доир ба мулоҳиза дода мешавад. Барои ҷавоб додан ба саволҳои саволнома ҳамагӣ 30 дақиқа вақт дода мешавад.

Корҳои хаттии донишомӯзон барои ҳар як фанни забони тоҷикӣ дар асоси низоми алоҳидаи 100-балӣ, ба мисли:

0 - 29% - "ғайриқаноатбахш";
30-65% - «қаноатбахш»;
66-85% - "хуб";
86-100% - "аъло"

баҳогузорӣ карда мешавад. Барои ҳар як супориш аз балҳои муқарраршуда бали баланд гузошта намешавад.

# СПЕТСИФИКАТСИЯИ ИМТИҲОНИ ҶАМЪБАСТӢ АЗ ФАННИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК БАРОИ СИНФИ 9

| **Забони тоҷикӣ ва адабиёт** | **Миқ дор** | **Донис-тан** | **Истифода-барӣ** | **Мулоҳиза** | **Ҷавоби пурра** |
|---|---|---|---|---|---|
| Садриддин Айнӣ порча аз асари “Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам”. **Истифодаи ҷумлаҳои мураккаби пайваст дар ин асар** | 5 | 2 | 2 | 1 | |
| Абулқосим Лоҳутӣ- шоири лирик **Истифодаи аломатҳои китобат** | 5 | 2 | 2 | 1 | |
| Хусусиятҳои бадеии достони «Ҷони ширин»-и Мирзо Турсунзода. **Калимаҳои адабии китобии корбасташуда дар достон** | 5 | 2 | 2 | 1 | |
| Ҷалол Икромӣ. Таҳлили образҳои асосии романҳои адиб. **Истифодаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар ин роман** | 5 | 2 | 2 | 1 | |
| Абдурауф Фитрат. “Баёноти сайёҳи ҳиндӣ”. **Истифодаи нутқи лексикӣ ва услубӣ** | 5 | 2 | 2 | 1 | |
| Мавзӯи забон ва Ватан дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ. **Имконоти услубии калимаҳои сермаъно** | 5 | 2 | 2 | 1 | |
| Мавзӯи панду ахлоқ дар эҷодиёти Саъдии Шерозӣ. **Имконоти услубии луғавӣ** | 5 | 2 | 2 | 1 | |
| Маълумот дар бораи асарҳои Сотим Улуғзода. **Маҳорати нависанда дар интихоб ва корбасти калимаҳо** | 5 | 2 | 2 | 1 | |
| Мавзӯи панду ахлоқ дар эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. **Истифодаи воситаҳои образноки лафзӣ** | 5 | 2 | 2 | 1 | |
| Васфи Ватан ва ватандӯстӣ дар эҷодиёти Абулқосим Фирдавсӣ. **Имконоти услубии муродифот** | 5 | 2 | 2 | 1 | |
| Романи Чингиз Айтматов «Ду роҳаи бӯронӣ». **Маҳорати нависанда ва истифодаи нутқи лексикӣ** | 5 | 2 | 2 | 1 | |

## МЕЪЁРИ БАҲОГУЗОРӢ АЗ РӮЙИ СУПОРИШ

| № | Ба малакаҳо соҳиб бошанд | | Навъи супориш | Шакли супориш | Меъёри баҳогузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Аз кадом асар гирифта шудани матн ва муайян кардани жанру ғояи он | Д | Хаттӣ | Хаттӣ | Аз кадом асар гирифта шудани матн, жанр ва ғояҳои онро дар асоси мисолҳои ҳаётӣ муқоиса намуда, ба дараҷаи баланд пурра фаҳмондида диҳад; **16-18 балл**<br><br>Аз кадом асар гирифта шудани матн, жанр ва ғояи онро дар асоси мисолҳои ҳаётӣ ба таври пурра, таъсирнок фаҳмонида шавад; **13-15 балл**<br><br>Аз кадом асар гирифта шудани матн, дар бораи жанр ва ғояи он ба дараҷаи қаноатбахш гуфта тавонад; **8-11 балл**<br><br>Аз кадом асар гирифта шудани матн ва ғояи он баъзе тафсилотҳоро гуфта тавонад;<br>**1-7 балл**<br><br>Агар донишомӯз ба ягон стандартҳои дар боло тавсифшуда муваффақ нагардад **0 балл.** |
| 2 | Супоришҳои грамматикии дар асоси матн додашударо дар асоси қоида иҷро карда тавонистан | Д | Хаттӣ | Хаттӣ | Супоришҳои грамматикии дар асоси матн додашударо дар асоси қоидаҳо дар сатҳи баланд иҷро карда тавонад: **16-18 балл**<br><br>Супоришҳои грамматикии дар асоси матн додашударо дар асоси қоидаҳо наонқадар иҷро карда тавонад: **13-15 балл**<br><br>Супоришҳои грамматикии дар асоси матн додашударо дар асоси қоидаҳо |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | қаноатбахш иҷро карда тавонад; **8-11 балл**<br><br>Супоришҳои грамматикии дар асоси матн додашударо дар асоси қоидаҳо дар сатҳи минималӣ иҷро карда тавонад; **1-7 балл**<br><br>Агар донишомӯз ба ягон стандартҳои дар боло тавсифшуда муваффақ нагардад **0 балл.** |
| 3,4 | Супоришоти додашударо аз рӯи нуқтаи назари худ ба дараҷаи аъло бо мисолҳои ҳаётӣ асоснок карда додан | И | Хаттӣ | Хаттӣ | Супоришоти додашударо аз рӯи нуқтаи назари худ ба дараҷаи аъло бо мисолҳои ҳаётӣ асоснок карда диҳад; **18-21 балл**<br><br>Супоришоти додашударо аз рӯи нуқтаи назари худ ба дараҷаи таъсирнок шарҳ дода тавонад; **14-17 балл**<br><br>Ба супориши додашуда ба дараҷаи қаноатбахш шарҳ дода тавонад; **9-13 балл**<br><br>Супориши додашударо бо баъзе тафсилот шарҳи минималӣ дода тавонад; **1-8 балл**<br><br>Агар донишомӯз ба ягон стандартҳои дар боло тавсифшуда муваффақ нагардад **0 балл.** |
| 5 | Ба вазифаи додашуда ба дараҷаи аъло эҷодкорона муносибат намуда, чуқур мулоҳиза карда, ба ҳаёти имрӯза вобаста намуда мисолҳо оварда тавонистан | М | Хаттӣ | Хаттӣ | Ба вазифаи додашуда ба дараҷаи аъло эҷодкорона муносибат намуда, чуқур мулоҳиза карда, ба ҳаёти имрӯза вобаста намуда мисолҳо оварда тавонад; **19-22 балл**<br><br>Ба вазифаи додашуда ба дараҷаи наонқадар хуб бошад ҳам муносибат намуда, ба ҳаёти имрӯза вобаста намуда мисолҳо оварда тавонад; **15-18 балл** |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Ба вазифаи додашуда ба дараҷаи қаноатбахш муносибат намуда, ба ҳаёти имрӯза вобаста намуда мисолҳо оварда тавонад; **10-14 балл**<br><br>Ба вазифаи додашуда ба дараҷаи минималӣ муносибат намуда, ба ҳаёти имрӯза вобаста намуда қисман мисолҳо оварда тавонад; **1-9 балл**<br><br>Агар донишомӯз ба ягон стандартҳои дар боло тавсифшуда муваффақ нагардад **0 балл.** |

## ВАРИАНТИ I

Ҷамоае, ки имрӯз аз уламои ҳақиқия хабаре надоранд, бист сол таҳсил ва бист соли дигар дарсгӯйӣ карда, баъд аз он ба мансаби муфтигӣ расида, боз мутолиаи кутуби арабияро мушкил ва худро ба истеъмоли кутуби фиқҳияи форсия маҷбур медонанд, мақоми ҷалили рӯҳонияти Бухороро гирифтаанд. Ин ҷамоа амрҳои илоҳиро тобеи раъй ва мақсади худ дониста, бо ранге, ки хоҳанд, оят тафсир мекунанд, ҳадис мебофанд.

Чунончи, дар мавқеаш ҳам тафсилан менависем, дар ҳолате ки худашон иртикоби ҳар гуна зулм ва гуноҳро мекунанд, ҳамеша ҳозир менишинанд, то авоми бечораеро ба андак гуноҳе кофир гуфта, ба зери лагад бигиранд.

Ҳамин ҷамоа аз тарафе ҳамагии авқофи Бухороро ғайри шарти воқиф нӯши ҷон менамоянд, аз тарафи дигар, аҳолии мискин, ки номи таҳсили фоиданокро ҳам нашунидаанд, буду набуди худро ба номи шогирдӣ фидои онҳо месозанд... (94 калима).

## СУПОРИШОТ:

**Донистан:**

1. Матни додашуда аз кадом асар гирифта шудааст? Ном ва ғояи асарро номбар кунед.

2. Ҷумлаи мураккаб ва хелҳои таркиби матнро муайян намоед.

**Истифодабарӣ:**

3. Дар асар ҷумлаи “Ин ҷамоа амрҳои илоҳиро тобеи раъй ва мақсади худ дониста, бо ранге, ки хоҳанд, оят тафсир мекунанд, ҳадис мебофанд” ба кадом воқеа ишора мекунад?

4. Калимаҳои поёниро шарҳ диҳед.

| | |
|---|---|
| Уламои ҳақиқия | |
| Мансаби муфтигӣ | |
| Кутуби фиқҳияи форсия | |
| Кутуби фиқҳияи форсия | |
| Раъй | |
| Авоми | |

**Мулоҳиза:**

5. Нависанда уламо гуфта киҳоро дар назар дорад? Дар замони мо низ чунин ҷамоаи уламонамо оё ҳастанд?

## ВАРИАНТИ 2

Мо аз падар се нафар мондем: акаам Муҳиддинхӯҷа ном дошта аз ман ҳашт сол калон буд, ман ёздаҳ-дувоздаҳсола будам, додари калонам Сироҷиддин ном дошта, нӯҳсола буд, додари хурдам Киромиддин ном дошта, чорсола буд.

Ғайр аз ман ҳамаи онҳо (бо модарам) бемор буданд. Аҳволи модарам рӯз то рӯз вазнинтар мешуд. Бародаронам беҳтар ва ба қавли мӯйсафедон аз бими мурдан гузашта бошанд ҳам, ба пой хеста озодона гашта наметавонистанд. Ҳамаи вазнинӣ дар гардани ман буд. Ман мурғонро ягон-ягон кушта, ба беморони беҳтаршуда шӯрбо пухта медодам. Модарам чизе намехӯрд. Ба болои ин ҷуворӣ сафед шуда омада буд, вайро аз ҳуҷуми паррандагон нигаҳдорӣ кардан даркор буд. Аммо ман наметавонистам, ки модарамро ба он ҳол монда, ба «ҷуворихӯйгӯӣ» равам... (115 калима).

## СУПОРИШОТ:

**Донистан:**

1. Матн аз кадом асар интихоб гардидааст? Жанр ва ғояи асарро ёдрас намоед.

2. Кадоме аз воҳидҳои забон воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаб ба шумор меравад? Аломати китобатии ҷумлаҳои мураккабро бо мисолҳо фаҳмонед.

**Истифодабарӣ:**

3. Дар матни додашуда сухан дар бораи кӣ меравад? Фазилатҳои инсонии қаҳрамони асарро хотирнишин намоед.

4. Ҷумлаҳои мураккаби омехтаи таркиби матнро муайян намоед.

**Мулоҳиза:**

5. Бо муқоисаи ҳаёти имрӯз ҷумлаи “*Ҳамаи вазнинӣ дар гардани ман буд*”-ро маънидод кунед!

## ВАРИАНТИ 3

Бе ту дар васфи занон гуфтам сухан,
Бе ту дар маҷлис фишурдам дасти зан.
Лек дар пеши назар рӯйи ту буд,
Ҷилваҳои чашму абрӯйи ту буд.
Ҷони ширин, пас дигар ҷангам макун,
Ин қадар беҳуда дилтангам макун,
Нестам мисли падарҳои дигар,
Дар бари фарзандҳо шому саҳар.
Чор гардад чашми онҳо дар раҳам,
Гум занад дилҳои онҳо дам ба дам.
Ку падар, гӯяд агар фарзанди мо,
Менамоӣ ту сӯйи дар нигоҳ.
Дар замони пеш аҷдодони мо,
Тарк мекарданд кӯҳистони мо.
Бахт меҷустанд аз бечорагӣ,
Мурда мерафтанд дар оворагӣ.
Мо, вале аз он ғарибон нестем,
Дар суроғи бахт сарсон нестем... **(98 калима)**

## СУПОРИШОТ:

**Донистан:**

1. Ин достон чӣ ном дорад? Жанр ва ғояи асарро муайян кунед.

2. Шоир киро “Ҷони ширин” номидааст Дар ин достон қаҳрамони лирикӣ кист?

**Истифодабарӣ:**

3. Муродифҳои воҳиди луғавии “Сухан”-ро ёбед!

4. Аз ин асар ибораҳои фразеологиро ёфта маъноящро таҳлил кунед!

**Мулоҳиза:**

5. Мақсад аз сатрҳои шоир дар бораи ниёгони мо: «*Мо, вале аз он ғарибон нестем*”.

## ВАРИАНТИ 4

Ана, дар нӯги он харсанги калон пӯптиш (шонасарак) нишастааст.

Ба сараш тоҷ дорад. Ҷомаи алочаи рангин пӯшидагӣ барин. Мегӯянд, ки амир ҳам ба сараш тоҷ мемондааст. Ҷомаҳои рангин мепӯшидааст.

Хайр, набошад амир ҳам пӯптиш барин будааст-дия?! Не, охир... Амир золим будааст. Падари Табарро одамони амир зада-зада куштаанд.

Ба модараш нон надодаанд. Онҳо гадой барин зиндагӣ кардаанд. Дар қишлоқ очаи Табар, падари Табар ва худи Табар баринҳо бисёранд.

Ҳамаи инҳо аз дасти амир ва одамони амир ба рӯзҳои бад афтодаанд.

Охир не, охир ҳамаи азобдидагон амирро аз тахташ афтонда пеш кардаанд, лекин пӯптиш мурғаки бегуноҳ аст. Ин ба деҳқонҳо, ба колхозчиён ёрӣ мерасонад. Аз заминҳо кирмҳои зараррасонро чида мехӯрад... (108 калима).

## СУПОРИШОТ:

**Донистан:**

1. Ин матн аз кадом асар гирифта шудааст? Ном ва ғояи асарро муайян кунед.

2. Аз матни додашуда ҷумлаи мураккаби пайвасти хилофиро ёбед ва маънидод кунед!

**Истифодабарӣ:**

3. Аз матни додашуда пайвандакҳои тобеъкунандаро ёбед.

4. Дар ин матн, дар ҷумлаи якум чӣ хел аъзоҳои ҷумла омадааст?

**Мулоҳиза:**

5. Дар ин матн ҷиҳати монандию фарқияти мурғаки пӯптиш ва амирро нақл кунед. Дар симои мурғаки пӯптиш киҳоро дида метавонед?

## ВАРИАНТИ 5

Бо амри шоҳ дувоздаҳ нафар номдортарин шоирони дарборӣ барои шунидани қасидаи нави Фаррухӣ дар боргоҳ ҷамъ омада буданд.

Қасидаро султон хеле хуш карда ва фармуда буд, ки дар маҷлиси шоирон хонда шавад. Султон дар пешгоҳ дар курсӣ ва шоирон дар ду тараф қатор нишаста буданд. Фирдавсӣ ҳам ба ин маҷлис даъват шуда буд. Фаррухӣ ба худ ровӣ нигоҳ намедошт, ашъорашро назди шоҳ худаш мехонд. Ӯ ба по хеста, ба хондани қасидааш, ки дар вай минҷумла султонро ба фатҳи вилояти Рай таҳрис мекард, шурӯъ намуд. Таҳриси ӯ дар қасида чунин ифода ёфта буд:

Райро баҳона нест, бибояд гирифт Рай,
Вақтест агар ба ҷанг сӯйи Рай кашӣ инон.
Ин ҷо ҳаме ягону дугон қарматӣ кушӣ,
З-инон ба Рай ҳазор биёбӣ ба як замон.
Бистонӣ он диёру бубахшӣ ба бандае:
Бахшидан аст одату хӯи худойгон... (132 калима).

## СУПОРИШОТ:

**Донистан:**

1. Матни додашуда аз кадом асар гирифта шудааст? Ном, жанр ва ғояи асарро муайян кунед.

2. Обрӯю мавқеи шоирон дар назди шоҳ чӣ хел буд? Фаррухӣ кӣ буд?

3. Аз ин матн ҷумлаҳои мураккаби тобеъро ёбед ва таҳлил кунед.

**Истифодабарӣ:**

4. Аз матни додашуда ҷумлаи мураккаби бепайвандакро ёбед ва алоқаи ҷумлаи соддаро шарҳ диҳед.

**Мулоҳиза:**

5. Фаррухӣ шоҳро чаро ба фатҳи вилояти Рай даъват мекард? Шоҳ чиро ба номи дин вазифаи муқаддаси худ медонист? Чаро?

## ВАРИАНТИ 6

Коменданти лагер ба посбонон фармуд, ки ҳамаи асирони ҳарбиро ба майдон пеш карда бароранд. Дар як мижа задан тамоми лагери то ин дам хомӯшу сокинро чунон доду фарёду ғулғула пахш намуд, ки ҳатто галаи зоғон, ки дар ҳар ҷо ҳар ҷойи дашт ғизо меҷустанд, хӯсида ба чор сӯ пароканда шуданд. Як вақт аз ҳамаи оғилхонаҳо пасопеш мардуме ба майдон кашол шуда меомаданд, ки аз дур одам ё ҷондори дигар будани онҳоро фарқ кардан амри маҳол буд. На дар тану по либосу пойафзоли бутун доштанд, на дар сар кулоҳе. Аксарашон ба қаландари ҷандапӯш мемонданд. Ришу мӯҳошон расидагӣ, афташон чиркин, дасту поҳошон варам. Аксарашон аз сару по, дасту гардан ярадор буданд. Докаҳое, ки бо вай яраҳошон баста шуда буд, аз чиркинӣ сип-сиёҳ метофтанд... (121 калима).

## СУПОРИШОТ:

**Донистан:**

1. Матни додашуда аз кадом асар гирифта шудааст? Ном, жанр ва ғояи асарро муайян кунед.

2. Аз матни додашуда ҷумлаи нопурраро ёбед ва ба кадом услуб хос буданашро гӯед?

3. Аз матни додашуда пуркунандаи чидаро ёбед.

**Истифодабарӣ:**

4. “*Як вақт аз ҳамаи оғилхонаҳо пасопеш мардуме ба майдон кашол шуда меомаданд, ки аз дур одам ё ҷондори дигар будани онҳоро фарқ кардан амри маҳол буд*”. Дар ин ҷумла сухан дар бораи кӣ меравад?

**Мулоҳиза:**

5. Асирони ҳарбӣ чаро ба чунин зиндагии пурмашаққат тобовар буданд, мақсади онҳо чӣ буд?